Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
Кумитаи телевизион ва радиои назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

19 05 14
№ 1268

# Қ а р о р

аз «17» 01 соли 2014 №2/2 ш. Душанбе

## Дар бораи баргузор намудани фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ «Андалеб – 2014» бахшида ба ҷашни 23-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо мақсади иҷрои нишондоди банди 14-уми Нақшаи чорабиниҳои «Барномаи ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии халқи тоҷик барои солҳои 2013-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.05.2012,№263 тасдиқ гардидааст, ҷаласаи муштараки ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**қарор мекунанд:**

1. Бахри таҷлили сазовори ҷашни 23-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2014 дар мамлакат Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ «Андалеб-2014» дар ду давр баргузор гардад:
– даври аввали фестивал-озмуни «Андалеб-2014» дар шаҳру ноҳияҳои ҷумхурӣ моҳҳои март- май ва даври дуюми он моҳи августи соли 2014 дар толори Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраеви шаҳри Душанбе баргузор гардад.
2. Низомномаи фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ «Андалеб-2014» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
3. Раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва ҳунарҳои мардумӣ вазифадор карда шавад, ки Низомномаи фестивал-озмунро саривақт ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дастрас гардонад.
4. Раёсат, шуъбаҳо, бахшҳои фарҳанги вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ вазифадор карда шаванд, ки дар маҳалҳо кумитаҳои тадорукоти фестивал-озмунро таъсис дода, дар ҳамкорӣ бо идораҳои телевизион ва радио, матбаа, рӯзномаҳои ҷумҳуриявию вилоятӣ бахри дар сатҳи баланди ташкилию эҷодӣ баргузор гардидани фестивал-озмун чораҳои мушаххас андешида, ба ин мақсад муассисаҳои тобеи худро ҷалб намоянд.
5. Директори Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А. Ҷӯраев вазифадор карда шавад, ки барои дар сатҳи баланди ташкилӣ

доир гардидани барномаҳои консертии даври ҷамъбастии фестивал-озмун тадбирҳои амалӣ андешад.

6. Раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва ҳунарҳои мардумӣ вазифадор карда шавад, ки дар ҳамкорӣ бо Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси васеи чараёни фестивал-озмунро тавассути воситаҳои ахбори умум таъмин намояд.

7. Ҷараёни иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини Вазири фарҳанг ва муовини Раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.

| | |
|---|---|
| **Раиси ҳайати мушовара,**<br>**Вазири фарҳанги**<br>**Ҷумҳурии Тоҷикистон**<br>**_______ Ш. Орумбеков** | **Раиси ҳайати мушовара,**<br>**Раиси Кумитаи телевизион**<br>**ва радиои назди Ҳукумати**<br>**Ҷумҳурии Тоҷикистон**<br>**_______ А. Раҳмонов** |

Замимаи 1
ба қарори ҷаласаи муштараки
ҳайати мушовараи Вазорати
фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Кумитаи телевизион ва радиои
назди Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз «17» 01 с. 2014
№ 2/2

# Низомномаи
Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ «Андалеб-2014» бахшида ба 23 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон
(март-августи соли 2014)

## 1.Талаботи умумӣ

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қадамҳои устувор дар самти татбиқи вазифаҳои азими стратегии ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ташаккули тафаккури нави демократии аъзоёни ҷомеа роҳ мепаймояд. Вобаста ба ин мақоми муассисаҳи фарханг ҳамчун марказҳои фароҳамоварӣ, нигоҳдорӣ, омӯзиш ва тарғиби маҷмӯи донишҳои инсонӣ дар бунёди ҷомеаи нав беш аз пеш меафзояд.

Барои қазовати нерӯҳои зеҳниву эҷодии муассисаҳои мазкур, тақвият бахшидани вазифаҳои иҷтимоии онҳо дар эъмори ҷомеаи навбуёди Тоҷикистон ва дар ин замина баланд бардоштани нақши онҳо дар раванди тарбияи маънавии шаҳрвандон, бахусус насли наврас дар рӯҳияи хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, арҷгузорӣ ба мероси ғановатманди фарҳанги миллӣ тибқи нишондоди банди 14-уми Нақшаи чорабиниҳои «Барномаи ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии халқи тоҷик барои солҳои 2013-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.05.2012,№263 тасдиқ гардидааст, бахшида ба 23-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи март то нимаи дуюми моҳи августи соли 2014 бо иштироки ҳаваскорони санъати тамоми шаҳру ноҳияҳои мамлакат Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ «Андалеб-2014»-ро баргузор менамоянд

## 2. Шартҳои фестивал-озмун

Мақсад аз баргузории фестивал-озмун намоиш додани дастовардҳои ҳунарию фарҳангии 23-соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бахри дар сатҳи баланди ташкилию эҷодӣ барпо гардидани он бояд тамоми муассисаву ташкилот, идораву корхонаҳо, инчунин ашхоси алоҳида саҳмгузор бошанд. Дастгирию

ташаббуси ҳамагон имкон медиҳад, ки аҳли фарҳанги ҷумҳурӣ тавассути Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ «Андалеб-2014» комёбиҳои фарҳангу ҳунари ҳар як минтақаи кишварро бо тобишҳои рангини он манзури тамошобинон гардонанд.

Агарчи дастаҳои ҳунарӣ дар интихоби мавзӯъ ва ҳунарнамоӣ соҳибихтиёр мебошанд, вале мақсаду меҳвари асосии Фестивал-озмун, мавзӯи марказии ҳар бахши ҳунарӣ бояд марбут ба истиқлолияти ҷумҳурӣ, меҳру муҳаббат нисбат ба Ватан, инъикоси рӯҳияи хештаншиносӣ, ватандорӣ, ифтихори миллӣ, файзу баракати истиқлолият,тарғиби арзишҳо ва мероси пурғановати фарҳанги миллӣ, ваҳдату ягонагӣ, дӯстии халқҳои сарзамини Тоҷикистон бошад.

Барои иштирок дар Фестива-озмун ҳар як дастаи ҳунарӣ барномаи зеринро пешниҳод менамояд:

1.Табрикоти дастаи ҳунарӣ. Давомнокии табрикот 5 дақиқа муқаррар шудааст. Иштирокчиёни табрикот зану мард буда, бояд аз 4 нафар зиёд набошанд. Дар ин бахш маҳорату истеъдоди ровиён ва нозукиҳои қироати шеъру суханронӣ иштирокчиён то 10 хол баҳогузорӣ мешавад.

(Сенарияи чорабинӣ ба ҳакамон пешниҳод мешавад).

2. Суруди ҳамсараёни бисёровоза (хор) бо истифода аз созҳои мусиқӣ ё аккопела то 5 дақиқа буда, мавзӯи он васфи Ватан, сулҳу суботи кишвар ва иникоси меҳнати бунёдкоронаи мардуми Тоҷикистон аст. Шумораи овозхонон ба салоҳидиди хормейстер вогузор мешавад.

3. Намоиши сарулибоси қадимаи миллии тоҷикии мардона ва занона бо иловаи навгониҳои имрӯза . Давомнокии намоиш то 5 дақиқа. Теъдоди иштирокчиён то 8 нафар ба салоҳдиди коргардон.

4. Навозиши умумӣ , давомнокӣ то 5 дақиқа, дар ансамбл бояд танҳо созҳои миллӣ истифода шаванд.

5. Рақси яккаи дорои мавзӯи мушаххас дар иҷрои зан ё мард. Давомнокӣ то 4-5 дақиқа. Иштирокчӣ бояд ҳатман дар либоси миллии тоҷикӣ аз намунаҳои ҳунарҳои бадеии халқӣ, аз қабили қошуқ, табақ, кӯза, сабад ва ғайра истифода барад.

6. Суруди якка бо либоси миллӣ дар иҷрои мард ё зан. Давомнокӣ то 5 дақиқа. Матни суруд бояд дар васфи Модар,Ватан, Тоҷикистон, сулҳ, дӯстӣ, Ваҳдат, ифтихор аз миллат ва истиқлолият бошад.

7. Байтбарак. Рубоиёти халқӣ. Давомнокӣ то 6 дақиқа. Дар байтбарак дӯстдорони назм, ки малакаи хуби қироати шеър ва ҳозирҷавобиро доранд, аз ҳар як ноҳия 3 нафарӣ иштирок менамоянд. Як нафар аъзои ҳакамон бо қироати байте ба иштирокчиён лукма мепартояд. Гурӯҳи аввал бо ҳамон ҳарфи шарт байти ҷавобиро оғоз мекунад. Барои ҷавоб ба рақиб то 5 сония ҷудо карда шудааст.

8. Навозиши якка бо сози миллӣ, давомнокӣ 4 дақиқа.

9. Бадеҳа. Давомнокӣ то 5 дақиқа дар либоси миллӣ. Мавзӯи ишқу муҳаббат. (бадеҳа ба намоиши оммавӣ табдил наёбад, зеро аъзоёни ҳакамон танҳо ба маҳорати ду ҳунарманд баҳо медиҳанд).

10. Суруди анъанавӣ: шашмақом, фалак, лалаик, мадияхонӣ. Давомнокӣ 5-7 дақиқа.

11. Суруди ҳаҷвӣ дар мавзӯҳои доғи рӯз дар доираи 5 дақиқа.

12. Сюитаи овозию рақсӣ дар доираи 10 дақиқа. Сюита бояд фарогири мавзӯҳои ватандӯстӣ, сулҳ, меҳнат ва дӯстӣ бошад.

Дар маҷмӯъ, барномаи ҳунарии хар як даста дар доираи як соату 30 дақиқа таҳия мегардад.

Ҳолати ободонии муассисаҳои фарҳанг аз ҷониби ҳайати ҳакамон бо санҷишу таҳлили ҳамаҷониба баҳогузорӣ мегардад. Баҳои ҳакамон ба вазъи ободонии муассисаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ то 10 хол буда, ҳангоми ҷамъбасти умумӣ ба холҳои умумии дастаҳои ҳунарӣ зам мегардад. Ҳамзамон саҳми раисони шаҳру ноҳияҳое, ки нисбати ободонии муассисаҳои фарҳангӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, онҳоро бо дастгоҳои тақвияти овоз, муҳаррикҳои барқӣ, созҳои мусиқӣ, китобҳои тозанашр, сарулибоси саҳнавӣ ва дигар лавозимоти зарурӣ таъмин намудаанд, иловатан то 5 хол баҳогузорӣ мешавад.

Дар доираи барномаҳои Фестивал-озмун истифодаи фонограмма, асбобҳои барқии мусиқӣ, ҷалби ҳунармандони касбӣ, (ғайр аз коргардон ва устоди рақс), ҳавскорони дигар маҳалҳо, либосҳо ва жанрҳое, ки дар низомномааи мазкур зикр нагардидаанд ,(хор, эстрада), нигораҳои осорхонаҳо манъ аст.

## 3.Тартиби баргузории Фестивал-озмун

Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ «Андалеб-2014» бо иштироки фаъолонаи ҳавскорони санъати ҳамаи шаҳру ноҳияҳои мамлакат, дар ду навбат баргузор мегардад. Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, ноҳияҳои водии Ҳисору Рашт навбати авали озмунро аз моҳи март то нимаи дуюми моҳи майи соли 2014-ум дар минтақаи худ баргузор менамоянд.

Даври аввали озмун дар маҳалҳо бо салоҳиди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо бо таъсиси кумитаҳои тадорукот ва ҳайати ҳакамон аз ҳисоби мутахассисони варзидаи соҳа, олимону адибон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, раёсатҳо,шӯъбаҳо, бахшҳои фарҳанг ва телевизиону радиои маҳаллӣ баргузор гардида, то 15 майи соли 2014 ҷамъбаст, ғолибон муайян ва ба вазорат пешниҳод мегарданд.

Ғолибони даври аввали озмун аз ВМКБ ду дастаи ҳунарӣ, аз вилояти Суғд ду дастаи ҳунарӣ, аз вилояти Хатлон (минтақаи Кӯлоб ва Қурғонтепа) чор дастаи ҳунарӣ интихоб гардида, ба даври дуюм ҳуҷҷатҳо оид ба ҷамъбасти Фестивал-озмун - протоколҳои ҳайати ҳакамон, барномаҳои ҳунарӣ, руйхати иштирокчиён ирсол мегарданд.

Раванди умумии баргузории Фестивал-озмунро Кумитаи тадорукоти ҷумҳуриявӣ, дар маҳалҳо - кумитаи тадорукоти назди раёсатҳо, шуъба ва бахшҳои фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ назорат мекунанд.

Ҳайати ҳакамони таъсисдодаи Вазорати фарҳанг аз нимаи дуюми моҳи майи соли 2014 ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба сафар баромада, барномаҳои ғолибони даври аввали Фестивал-озмунро қазоват намуда, барои иштирок дар даври ҷамъбастӣ аз водии Ҳисор ду дастаи ҳунарӣ, аз водии Рашт ду дастаи ҳунарӣ ва аз ноҳияҳои шаҳри Душанбе як дастаи ҳунариро муайян ва пешниҳод менамоянд.

Даври дуюми (ҷамъбастии) фестивал-озмун дар нимаи якуми моҳи августи соли 2014 бо иштироки ғолибони даври аввал дар Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А. Ҷӯраеви шаҳри Душанбе баргузор мегардад.

## 4. Шартҳои молиявии фестивал

Хароҷоти сафари иштирокчиёни фестивалро мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ пардохт менамоянд. Баргузорӣ, васоити техникӣ, интишори афиша, даъватнома, рӯзномаи фестивал, ба ӯҳдаи Кумитаи тадорукоти фестивал мебошад. Чораёни фестивал тавассути васоити ахбори умум ҳамаҷониба тарғиб мегардад.

## 5. Мукофотҳо

Ғолибону иштирокчиёни фаъоли даври аввали Фестивал-озмунро бояд мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо сазовор қадрдонӣ намоянд.

Барои ғолибони даври дуюми Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ «Андалеб-2014» аз ҷониби муассис - Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофотҳои зерин муайян гардидааст:

| | |
|---|---|
| Шоҳҷоиза | - 6000 сомонӣ |
| Ҷои аввал | - 5000 сомонӣ |
| Ҷои дуюм | - 4000 сомонӣ |
| Ҷои сеюм | - 3000 сомонӣ |

Иштирокчиён ва созмондиҳандагони фаъоли озмун инчунин бо нишони «Аълочии фарҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Ифтихорнома»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз мешаванд.

Чораёни тайёрӣ, ташкил ва баргузории фестивал ба ӯҳдаи Раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва ҳунарҳои мардумӣ вогузор карда шудааст.

Телефонҳо барои тамос: 223-27-38; 221-16-82; 221-79-62.

**Ф А Р М О И Ш И**
**ВАЗИРИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**Р А С П О Р Я Ж Е Н И Е**
**МИНИСТРА КУЛЬТУРЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

29.04.2014 ш. Душанбе
№ 63

**Дар бораи омодагӣ ва баргузор намудани Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ «Андалеб-2014»**

Дар асоси Қарори ҷаласаи муштараки ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади сазовор истиқбол намудани ҷашни 23-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сатҳи баланди ташкилию эҷодӣ баргузор гардидани Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ «Андалеб-2014»

**Фармоиш медиҳам:**

1. Аз 1 марти соли 2014 то арафаи таҷлили ҷашни 23-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ «Андалеб-2014» дар ду давр:
   -даври аввали он аз моҳи март то 10 июни соли 2014 дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ:
   -даври дуюми он моҳи августи соли 2014 бо иштироки 13 шаҳру ноҳияи ғолиб дар толори Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев баргузор гардад.
2. Кумитаи тадорукот, ҳайати ҳакамон, гурӯҳи корӣ-маъмурии фестивал тасдиқ карда шаванд (замима мегарданд).
3. Раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (Шосаидов С.) вазифадор карда шавад, ки барои дар сатҳи баланди ташкилӣ ва касбӣ баргузор гардидани фестивал-озмун тадбирҳои судманд андешад.

4. Сардори раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва ҳунар[ҳои] мардумӣ (Шосаидов С.Ҳ.), Сардори шӯъбаи таҳлил ва дурнамои иқтисодӣ (Исмонов И.) ва роҳбари гурӯҳи корӣ-маъмурии Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ «Андалеб-2014» (Маҷидов С.) вазифадор карда шаванд, ки харҷнома, сенария, барнома ва дигар ҳуҷҷатҳои заруриро барои баррасӣ ва тасдиқ дар мӯҳлати кӯтоҳтарин ба вазорат пешниҳод намоянд.
5. Шӯъбаи ҳисоботи муҳосибавӣ ва баҳисобгирӣ (Ҳошимова Б.) вазифадор карда шавад, ки тибқи харҷномаи тасдиқгардида маблағҳои заруриро барои истифодабарии мақсаднок дар асоси боварихат ба мутасаддиёни чорабинӣ саривақт пардохт намояд.
6. Сардори бахши танзими техникӣ (Комронӣ Ҷ.) вазифадор карда шавад, ки дар рӯзҳои баргузории чорабинӣ тибқи дархост ҷиҳати таъмини ҳайати ҳакамон, гурӯҳи корӣ-маъмурӣ ва аз меҳмонхона то макони баргузории чорабинӣ интиқол додани иштирокчиён бо нақлиёт мусоидат намояд.
7. Сардори раёсати табъу нашр ва матбуот (Қодиров С.) вазифадор карда шавад, ки дар рӯзҳои чамъбасти чорабинӣ, ҷиҳати ташкили намоиш ва фурӯши китобҳои тозанашр аз ҳисоби корхонаи таъминот ва савдои “Китоб” ва дигар муассисаҳои нашриявии тобеи вазорат чораҳои зарурӣ андешад.
8. Ба сардорони раёсатҳои фарҳанги вилоятҳои Суғд (Набиев О.), Хатлон (Раҷабов Б), ВМКБ (Пайшамбиев М.), мудирони шӯъба ва бахшҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ супорида шавад, ки ҷиҳати дарёфти ҷавонони боистеъдоду лаёқатманд, падидаҳои нав ва инчунин дар сатҳи баланди ташкилию эҷодӣ баргузор гардидани Фестивал-озмун чораҳои зарурӣ андешанд.
9. Роҳбарони муассисаҳои таълимии Вазорати фарҳанг, муассисаҳои театрию консертӣ вазифадор карда шаванд, ки дар давраи омодагӣ ва баргузории чорабинии мазкур ҷиҳати таъмини иштирокчиён, ҷалби гурӯҳҳои ҳунарӣ, донишҷӯён ва ҳалли дигар масоили марбут ба баргузории чорабинӣ ҳамаҷониба мусоидат намоянд.
10. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи сарпарасти соҳа муовини вазир Одинаева Б. вогузор карда шавад.

Вазир Ш. Орумбеков

ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРӢ ... КУЛЬТУРЫ РЕСПУБЛИКИ ... ШӮЪБАИ КОРГУЗОРӢ ОБЩИЙ ОТДЕЛ

Замимаи 1
Бо фармоиши Вазири фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» 04 с. 2014 № 63
тасдиқ шудааст

# Ҳ а й а т и

Кумитаи тадорукоти Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ «Андалеб -2014» бахшида ба 23- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

| | |
|---|---|
| 1. Одинаева Б. | -Муовини Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (раис) |
| 2. Сидиқов С. | -муовини якуми раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (муовини раис) |

аъзо:

| | |
|---|---|
| 3. Шосаидов С. | -сардори раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва ҳунарҳои мардумӣ |
| 4. Ҳошимова Б. | -сардори шуъбаи ҳисоботи муҳосибавӣ ва баҳисобгирӣ |
| 5. Исмонов И. | -сардори шӯъбаи таҳлил ва дурнамои иқтисодӣ |
| 6. Комронӣ Ҷ. | -сардори шӯъбаи танзими техникӣ |
| 7. Ҳабиб Сулаймонӣ | -сармутахассиси раёсати санъат |
| 8. Рабиев Муҳиддин | -мутахассиси шуъбаи илм ва муассисаҳои таълимӣ |

Замимаи 2
Бо фармоиши Вазири фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» 04 с. 2014 № 63
тасдиқ шудааст

**Ҳ а й а т и**
ҳакамони Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии
эҷодиёти халқ «Андалеб-2014» бахшида ба ҷашни
23- солагии Истиқлолияти давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

| | |
|---|---|
| 1.Қурбонов Сафаралӣ | -Арбоби ҳунари Тоҷикистон, корманди хизматнишондодаи Маданияти РСС Тоҷикистон (раиси ҳакамон) |
| 2.Боймуродов Абдулмаҷит | - Сармутахассиси раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (котиби масъул) |

аъзоён:

| | |
|---|---|
| 3. Мусоев Амирбек | - Арбоби ҳунари Тоҷикистон, дотсенти кафедраи созҳои халқии Консерватории миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов, бастакор |
| 4. Ниёзова Макнуна | -тарроҳи либос, сардори шӯъбаи таҳияи барномаҳои телевизионии таълимии «ТВ-Маърифати» Донишгоҳи технологии Тоҷикистон |
| 5.Раҳимова Соро | -муалимаи калони факултаи фарҳангшиносии ДДСТ ба номи М. Турсунзода (коргардон) |
| 6. Файзалиева Саида | -устоди рақс, муаллимаи калони кафедраи хореографии ДДСТ ба номи М. Турсунзода |
| 7. Ҷабборова Шарихон | -шоира, аъзои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон |

Замимаи 3
Бо фармоиши Вазири фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» 04 с. 2014 № 63
тасдиқ шудааст

**Ҳайати**
гурӯҳи корӣ-маъмурии Фестивал-озмуни
ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти
халқ «Андалеб -2014»

| | |
|---|---|
| 1. Маҷидов Саидбухорӣ | -роҳбари гурӯҳи корӣ-маъмурӣ, директори Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А.Ҷӯраев |
| 2. Баҳром Қурбонзода | -коргардон-таҳиягар, актёр-режиссиёри театри давлатии академии драмавии ба номи Абулқосим Лоҳӯтӣ |
| 3. Разоқов Салоҳидин | -мутахассиси пешбари раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (маъмур) |
| 4. Ятимова Саодат | -коргузор, корманди маҷаллаи «Тоҷикистон» |
| 5. Юсуфҷонов Луқмон | -танзимгари овози Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А.Ҷӯраев |
| 6. Абдулҳафизов Насрулло | -коргари саҳна, корманди Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А.Ҷӯраев |
| 7. Акмали Абдуғаффор | -коргари саҳна корманди Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А.Ҷӯраев |
| 8. Худойдодов Неъматулло | -коргари саҳнакорманди Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А.Ҷӯраев |
| 9. Низомов Нусрат | -коргари саҳна корманди Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А.Ҷӯраев |
| 10. Юсупов Аҳмад | -ронандаи автомашинаи тамғаи «ГАЗЕЛ»дастгоҳи марказии Вазорати фарҳанг |